# ҶОВИДОН БОД, ҶАВОНӢ ВА ҶАВОНОН!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 5-6 (167-168) 23-ЮМИ МАЙИ СОЛИ 2022, ДУШАНБЕ



Мо ифтихор дорем, ки ҷавонони кишвар бо асри нав ҳамқадам буда, талаботи замонаи пешрафтро хуб дарк мекунанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохили кишвар ва хориҷ аз он илму дониш меомӯзанд, ба корҳои илмиву таҳқиқотӣ машғуланд.

Ҷавонони далеру ғаюри мо дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ сарбаландона ва содиқона хизмат карда, дар таъмини амнияти давлат, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ нақши бузург доранд.

Дар баробари иштироки фаъолона дар корҳои созанда ва бунёдкорона ҷавонони моро зарур аст, ки ба таърих, забон ва фарҳанги миллӣ, рамзҳои давлатӣ, анъанаҳои неки халқи куҳанбунёди тоҷик эҳтироми хос зоҳир намоянд ва таърихи гузаштаи худро амиқ омӯхта, ба арзишҳои неку писандидаи ниёкони хеш арҷ гузоранд.

Онҳо ҳамчун ворисони аҷдоди некноми мо бояд мероси моддиву маънавии халқамонро бо ҳисси баланди миллӣ омӯзанд, ҳифз кунанд ва онро ба оламиён ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

129 НАФАР ДОНИШҶӮИ ФАКУЛТЕТ ... с. 2

ҒОЛИБИЯТ ДАР ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ с. 3

АҶАБ ШАҲРИ ДИЛОРОЙ, ДУШАНБЕ с. 6

КАК ПОДГОТОВИТЬ СТУДЕНТОВ К ОЛИМПИАДЕ с. 7

АЗ ҶАРАЁНИ КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНИИ ХАТМ с. 8-9

77-УМИН СОЛГАРДИ ҒАЛАБА БАР ЗУЛМОТ с. 11

МАНЪИ ИСТИФОДАИ ДОПИНГ с. 14

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Куканов А.З.** муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.** Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Ватанзода М.М.** Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ.
**Имомзода М.С.** Академики АМИТ.
**Тоҳиров Ф.Т.** академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи граждани, академики АМИ ҶТ.
**Раҳимзода М.З.** профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# 129 НАФАР ДОНИШҶӮИ ФАКУЛТЕТ БА ХИЗМАТИ ҲАРБӢ САФАРБАР ГАРДИДАНД





Таърихи 30-юми апрели соли 2022 дар шаҳраки донишҷӯёни ДМТ, маросими сафарбар намудани ихтиёрии хатмкунандагони курсҳои чоруми ДМТ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ баргузор гардид, ки 129 нафарашонро донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ташкил медиҳанд.

Дар чорабинии мазкур намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, роҳбарияти донишгоҳ ва падару модарони донишҷӯён иштирок доштанд.



Муовини вазири маориф ва илми ҶТ Лутфия Абдухоликзода аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтибос оварда, иброз доштанд, ки воқеоту таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар яки моро ҳушдор месозад, ки зиракии сиёсӣ, омодагии доимӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва муқаддас доштану ҳифз намудани арзишҳои истиқлолияти давлати соҳибистиқлоламонро аз даст надиҳем. Чунки вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир, зиёд гардидани равияву созмонҳои террористиву экстремистӣ ва дигар зуҳуроти таҳдидовари хатарнок метавонад сулҳу субот ва ҳаёти орому осудаи мардумони кишвари моро халалдор намояд. Аз ин рӯ, ҳар яки моро зарур аст, ки ба масъалаҳои мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии кишвар диққати махсус зоҳир намоем.

Ҳамчунин, ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. дар рафти суханронии хеш аз тамоюли зиёдшавии сафарбарии ихтиёрии ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ нисбат ба солҳои гузашта қайд намуда, чунин амали мардонагиро баҳри рушду нумуи кишвар аз ҳар ҷиҳат манфиатовар шуморид ва ба донишҷӯёни бонангу номус, ки ихтиёрона рӯ ба хизмати ҳарбӣ оварданд изҳори миннатдорӣ намуда, комёбиҳои беназирро барои онҳо таманно намуданд.

Ҳамчунин қайд гардид, ки ин раванд дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ идома дошта, марҳила ба марҳила сафи донишҷӯёне, ки хоҳиши хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишварро доранд, меафзояд.

Дарвоқеъ, хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбияи ирода, ҷасорат, шуҷоат ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад.

**Таҳияи**
**Миралӣ СОБИРОВ**

# ҲАФТАИ ИЛМ ДАР ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ







Ҳамасола, дар Донишоҳи миллии Тоҷикистон дар доираи «ҳафтаи илм» конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ баргузор мегардад.

Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодони ДМТ дар факултети ҳуқуқшиносӣ кори худро аз 21-ум то 28-уми апрели соли 2022 идома дод. Мувофиқи барнома дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар 11 бахш 159 маърузаи устодон шунида шуд.

Ҳамзамон мувофиқи барнома дар 11 бахш 358 маърузаҳои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ пешбинӣ шуда буд, ки аз ин 354 маърузаи донишҷӯён шунида шуд. Аз маърузаҳои донишҷӯён бармеояд, ки мақсади конференсияи илмӣ-назариявӣ ин кушодан ва баррасӣ намудани ҷиҳатҳои актуалӣ ва масъалаву муаммоҳои ҳалталаби соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Дар конференсия донишҷӯён бо се забон – тоҷикӣ, русӣ, англисӣ баромад намуданд. Дар ҷараёни конфренсия аз воситаҳои технологию иртиботӣ ва воситаҳои аёнӣ ба таври васеъ истифода карда шуд. Дар фарҷоми конференсияи ҷумҳуриявӣ маърузаҳои беҳтарини устодон ва донишҷӯён дар бахшҳо муайян карда шуда, ба онҳо ифтихорномаҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.



**Таҳияи**
**Айниддин КУКАНОВ**

# ДОНИШҶӮИ БЕҲТАРИН МИЁНИ ДОНИШГОҲҲОИ ИДМ

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун кохи бузурги донишу хирад дар тарбия ва омода намудани кадрҳои баландихтисос дар ҳама самт нақши босазо дорад. Дастпарварони ин боргоҳи илму маърифат пайваста бо дарки баланди масъулият ва ифтихори ватандорӣ бахри таҳкими волоияти қонун, иҷобати адолати иҷтимоӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ гомҳои устувор гузошта, муаррифгари давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ махсуб меёбанд.

Дар асоси ин гуфтаҳо, моҳи марти соли 2022 дар доираи лоиҳаи байналмилалии “Донишҷӯи беҳтарин” бо ташаббуси Ассотсиатсияи байналмилалии олимони ҷавон, Ассотсиатсияи байналмилалии донишҷӯён (Қазоқистон, Нур-Султон) ва бо дастгирии Иттиҳодияи шахсони ҳуқуқии “Ҳаракати умумимиллии Бобек” озмуни чорумин нашри байналмилалии китоб баргузор гардид.

Мақсад аз баргузории озмуни мазкур баланд бардоштани сифати донишандӯзии донишҷӯён, инкишофу тақвият бахшидани неруи зеҳнӣ, ҳамчунин муайян намудани донишҷӯёни лаёқатманд миёни донишгоҳҳои ИДМ, ки ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ марoқ доранд, махсуб меёбад.





Дар озмуни мазкур дар миёни донишҷӯёни донишгоҳҳои олии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил донишҷӯи соли 4-уми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Забиров Шоҳрух Фаррухович, зери роҳбарии мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносӣ Ҷаҳонгир Саъдизода иштирок намуда, ҳамчун донишҷӯи беҳтарин миёни донишгоҳҳои ИДМ дониста шуд ва бо дипломи дараҷаи 1 сарфароз гардонида шуд.

Бинобар ин, Забиров Шоҳрух Фарруховичро барои ин дастоварди беназираш аз самими қалб муборакбодӣ намуда, ба ӯ рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро бахри илми тоҷик таманно менамоем.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**

# ҒОЛИБИЯТ ДАР ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ




Моҳи апрели соли 2022 дар Донишгоҳи давлатии иқтисодии Урали Федератсияи Русия 12-умин Форуми иқтисодии ҷавонони АвруОсиё дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла, соҳаи ҳуқуқ доир гардид, ки дар он устодону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар ду бахш фаъолона иштирок намуданд.

Дар бахши “Ҳуқуқ ва тиҷорат: эволютсия ва навоварӣ” Шабонов Шоҳкарим ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуда, пас аз таҳлил ва натиҷагирӣ сазовори ҷойи якум дониста шуд.

Ҳамчунин, дар ин миён донишҷӯи курси 3-юми факултет, ихтисоси идораи давлатӣ ва ҳуқуқ, Қаландарова Динора дар бахши “Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд” иштирок намуда, сазовори ҷойи якум гардид.

Бинобар ин, Шабонов Шоҳкарим ва Қаландарова Динораро барои ин дастоварди беназирашон аз самими қалб шодбошӣ намуда, ба онҳо фатҳи қуллаҳои баланди илмиву эҷодиро тамонно менамоем.

**Таҳияи**
**Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА**



# ОЗМУНИ МАВЛОНОХОНӢ

Таҳти ин унвон санаи 14-уми апрели соли 2022 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки зиёда аз 15 нафар донишҷӯёни фаъоли факултет, ки ба шеъру ғазал шавқу рағбати зиёд доранд, даври факултетии озмуни “Мавлонохонӣ” баргузор гардид.

Мақсад аз баргузории озмун пеш аз ҳама, баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои суханвару сухандон, омода намудани онҳо ба озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” ва ҳамчунин арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ махсуб меёбад.

Марҳилаи мазкурро профессор Солеҳ Мирзо, профессор Дониёр Сангинов, муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ, дотсент Куканов Айниддин, ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Миралӣ Собиров ва магистри соли 1 факултет Пирова Гулафзо ҳакамӣ намуда, ба донишҷӯёне, ки ба даври донишгоҳӣ роҳхат гирифтанд, бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани шавқу ҳавасӣ омӯзиши мероси адабӣ, шиносоии бештари онҳо ба осори гаронбаҳои бузургон, ташаккули тафаккури мантиқии онҳо ва бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ватанпарварӣ тавсияҳову пешниҳодҳои судманд баён намуданд.

Дар охир, ба донишҷӯёне, ки онҳоро моҳи сентябри соли равон даври донишгоҳии озмун интизор аст барору комёбӣ ва пирӯзиву сарбаландӣ орзу намуданд.

**Таҳияи**
**Азимҷон ҶУРАЕВ**



# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

Таърихи 28-уми апрели соли 2022 бо ибтикори кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон семинари илмӣ-назариявии устодони кафедраи забонҳои хориҷӣ баргузор гардид.

Ҳамоиши илмиро декани факултети ҳуқуқшиносӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С ҳусни оғоз бахшида, аз зарурати семинари мазкур ва аҳамияти мавзуъҳои баррасишаванда андешаронӣ намуданд.

Сипас, тибқи барномаи таҳиягардида, маърузаҳои устодони кафедра шунида шуданд. Маърузачиён зимни баромад мазмуну моҳияти маърузаҳои хешро шарҳ дода, дар раванди семинар истифодаи усулҳои муосири таълими забонҳои хориҷиро ҷиҳати инкишофи тафаккури зеҳнии донишҷӯ, дар мисоли дарсҳои лоиҳавӣ ва дарсҳои модулӣ, ки тариқи технологияи иттилоотиву иртиботӣ сурат мегиранд, аёнӣ пешниҳоди ҳозирин гардониданд.



Дар фарҷоми семинар, мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ дотсент Назарова З.А. ташрифи меҳмононро ба семинарии илмӣ-назариявии устодони кафедра хайрамақдам гуфта, иброз намуданд, ки такмил додану беҳтар гардонидани сифати таълими забонҳои хориҷӣ ва тарбия намудани мутахассисони забондони дар бозори меҳнат рақобатпазир вазифаи ҳар як устоди кафедра ба ҳисоб меравад.



# БИРАВ ЗИ ТАҶРИБАИ РӮЗГОР БАҲРА БИГИР

Таърихи 29-уми апрели соли 2022 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ баҳри баланд бардоштани фарҳангу маърифати ҳуқуқӣ, ормону ҳуввияти миллӣ, дуст доштани касбу ҳунар ва арҷ гузоштан ба калонсолон, вохӯрии судманди устодони солори факултет – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ямоқова Зумрад ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саторов Ғаффор бо донишҷӯёни факултет сурат гирифт.



Дар вохӯрии мазкур омӯзгорон сарравал қудуми ҳар як донишҷӯро ба толор хайрумақдам хонда, сипас иброз доштанд, ки ҷавонон муаррифгари давлату миллатанд ва имрӯзу фардои Ватан маҳз аз онҳо вобастагӣ дорад. Қайд гардид, ки ҷавонон идомадиҳандаи суннатҳои таърихиву фарҳангии қадимии миллати худ, сарчашмаи ташаббусҳои бузург, манбаи ғояҳои нав, эҷодкори тақдири имрӯзу ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд. Агар ба саҳифаи 30-солаи Тоҷикистон назар кунем, хоҳем дид, ки ин ҳама пешравиҳо дар натиҷаи меҳнати пурсамари Пешвои муаззами миллат бо такя ба ҷавонони саодатманд ва дигар қишрҳои ҷомеа ба даст оварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, онҳо бо донишҷӯён як суҳбати хубу хотирмон гузаронида, аз овони хурдсолӣ то ба давраи камолоти худ қисса намуданд ва дар фарҷом ба онҳо рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои илмиву эҷодиро баҳри пешбари илми тоҷик таманно намуданд.

# ПАЙВАСТИ ИЛМ БО АМАЛИЯ

11-12 майи соли 2022 дар доираи сессияҳои омӯзишӣ, вохӯрии намояндагони Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо сарварии Нуритдинов С.Ҳ. бо донишҷӯдухтарони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ баргузор гардид. Чорабинии мазкур бо мақсади дар амал татбиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” ва Барномаи миллӣ оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҶТ роҳандозӣ карда шуд.



Дар ин чорабинии омӯзишӣ Раиси Иттифоқи адвокатҳои ҶТ Нуритдинов С.Ҳ., директори МТИА – Оқилов Ф.О. ва узви Иттифоқи адвокатҳои ҶТ – адвокат Қосимова Зебо дар бораи аҳамият, нақш ва хусусиятҳои касби адвокатӣ, ваколатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои адвокат, ҷанбаҳои мусбии касби адвокатӣ, нақши занон дар адвокатура, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ дар ин самт, сохтори Иттифоқи адвокатҳои ҶТ ва тартиби ба даст овардани мақоми адвокатӣ, этикаи касбӣ, сирри адвокатӣ, кафолати соҳибихтиёри фаъолияти адвокатӣ ва ғайра ба донишҷӯдухтарон маълумот доданд.

Бо назардошти дар сатҳи олӣ баргузор шудани ин вохӯрӣ ва умедвориҳои зиёд барои оянда, Иттифоқи адвокатҳои ҶТ аз ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо факултети ҳуқуқшиносӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, ба роҳбарият, устодон ва донишҷӯёни факултет изҳори миннатдорӣ намуданд.

# МАҶЛИСИ ПАДАРУ МОДАРОН ДАР ФАКУЛТЕТ



Санаи 2-юми апрели соли 2022 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷаласаҳои падару модарони донишҷӯён оғоз гардида, пай дар пай бо волидони донишҷӯёни курсҳои 1- 4 вохӯриҳо анҷом дода шуд.

Ҷаласаҳои падару модаронро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, ба иштироккунандагон барои ташриф овардаашон ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

Дар раванди ҷаласаҳо таъкид гардид, ки дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ бо назардошти омилҳои гуногун зарурати омода намудани ҳуқуқшиносони насли муосир, ки ҳаматарафа аз донишҳои ҳуқуқӣ бархурдор буда, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, пос доштани арзишу суннатҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат, гиромидошти тамомияти арзӣ ва якпорчагии Тоҷикистон тарбия ёфтаанд, ба миён омадааст. Аз ин рӯ, баргузории ҷаласаҳои падару модарон ин масъулиятро дучанд гардонида, ба раванди таҳсили донишҷӯён низ таъсири мусбат мерасонад.

Ҳамчунин, дар рафти ҷаласаҳо масъалаҳои мухталиф, аз қабили раванди баргузории имтиҳонҳои давлатии хатм ва имтиҳонҳои ҷорӣ, ба зинаи магистратура ҷалб намудани донишҷӯён пас аз хатми факултет, ихтиёран сафарбар гардидани донишҷӯён ба хизмати ҳарбӣ, инчунин раванди таълиму тарбия мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар баробари ин, садорати факултет диққати волидайнро ба мазмуни Қонунҳои ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ» ва ғайра ҷалб намуда, иҷрои бечунучарои қонунҳои мазкурро дар ин самт, талаб намуданд.

Дар интиҳо, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ ва арҷ гузоштан ба заҳмати падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандони худ ба як қатор волидайн, ки фарзандонашон давоми чор сол бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, дар озмунҳои гуногуни сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ фаъолона иштирок кардаанд, бо «Сипоснома»-и факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қадрдонӣ намуд.

# ВОХӮРӢ БО МУАЛЛИФОНИ АСАРҲОИ ДЕТЕКТИВӢ

11-уми майи соли 2022 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо дастгирии садорати факултет ва ташаббуси Созмони ҷавонони факултети ҳуқуқшиносӣ вохӯрии судманди намояндагони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, аз қабили Нарзулло Тиллозода, Зариф Ғулом ва Шарифбеки Азизӣ, ки ҳамзамон дастпарварони факултет ба ҳисоб меравfamiliaranд бо донишҷӯёни факултет сурат гирифт.



Бояд зикр намуд, ки эшон яке аз аввалин нависандагони жанри детективӣ ба шумор рафта, бад ин роҳ дар рушду такомули илми тоҷик нақши назаррас доранд.

Дар вохӯрии мазкур онҳо аз ҳузури донишҷӯён хуб пазирой намуда, аввалан онҳоро аз зирракии сиёсӣ ва шомил нагардидан ба ҳар гуруҳу созмонҳои террористӣ ҳушдор сохтанд. Сипас, аз саргузашт, овони хурдсолӣ ва давраи камолоти худ, ки саропо аз панду андарз буда, метавонад ба ҳаёту фаъолияти донишҷӯён асар гузорад, чанде суханронӣ намуданд.



Донишҷӯён низ дар навбати худ аз қиссаҳо ва андешаҳои олимонаву оқилонаи онҳо неруи дигар гирифта, аз баргузории чунин як вохӯрии судманд ба меҳмонон изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд ва ваъда доданд, ки аз тавсия ва ҳидоятҳои судманди онҳо истифода намуда, онҳоро сармашқи кору фаъолияти ҳамешагии худ қарор медиҳанд.

Дар охир, меҳмонон ба раёсати донишгоҳ, садорати факултет ва Созмони ҷавонони факултети ҳуқуқшиносӣ изҳори миннатдорӣ намуда, дар ин баробар, ба китобхонаи факултет ва якчанд донишҷӯёни фаъоли факултет аз китобҳои тозанашри худ туҳфаҳо намуданд.

**Таҳияи**
**Гулафзо ПИРОВА**



Исматулло РАҶАБОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

# ҶАВОНОН – ФАРДОИ ДУРАХШОНИ МИЛЛАТ



Комрон ДАВЛАТЗОДА
дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ

**Ҳамасола дар мамлакат 23 - юми май яке аз ҷашнҳои муҳимми давлатӣ – Рӯзи ҷавонон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҷлил мегардад. Ин санаи муборакро талаботи моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 2 августи соли 2011 дар худ инъикос намудааст.**

Барои ҷавонони тоҷик ва мардуми шарифи Тоҷикистон ин сана басо муқаддас мебошад. Чунки баъди ба истиқлолияти миллӣ расидан, қадамҳои аввалине, ки роҳбарияти сиёсии кишвар гузоштанд, ин устовор кардани мавқеи ҷавонон дар мамлакат ба ҳисоб рафта, тамоми тадбирҳо дар ин самт андешида шуд. Мавриди зикри хос аст, ки аксарияти аҳолии мамлакати моро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори вокеии пешрафти ҷомеа,ояндаи миллат ва давлат мебошанд. Аз ин рӯ, дастгирии ҷавонон заминагузорӣ ба фардои дурахшони миллат аст. Роҷеъ ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, иброз медоранд: «Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббускор, созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд».

Ҷойи ифтихор ва фараҳмандист, ки дар зарфи 30 соли Истиқлолияти давлатӣ ҷавонон ба як қатор комёбиҳои бузург ноил гардидаанд, ки аз дастгириҳои зерини давлату ҳукумати мамлакат бармеояд:

- дар мадди аввал, гуфтан мумкин аст, ки яке аз дастовардҳои беназир дар самти ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон ин таваҷҷуҳи падаронаи Пешвои миллат мебошад. Маҳз бо ғамхориҳои ин абармарди таърих кишвар аз вартаи нестшавӣ раҳо ёфта, суботу оромӣ дар кишвар устувор гардид, ки ин шароитро барои рушди соҳаи ҷавонон ба бор овард. Аз ин марҳила, ҷавонон қадамҳои нахустини худро дар роҳи эъмори давлати соҳибистиқлол гузоштанд.
- дигар ин ки, бо мақсади дастгирии ҷавонон, ташаккул ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни онҳо, бо шуғл таъмин намудани ин қишри фаъоли ҷомеа, дарёфт ва дастгирии истеъдодҳои нав, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои насли ҷавон бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат соли 1997 Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, санаи 23 май ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон эълон карда шуд.
- барои ҷавонони мамлакат шароит фароҳам оварда шуд, ки онҳо дар дохил ва хориҷи мамлакат дар бахшҳои мухталиф таҳсил карда, соҳиби касбу ихтисосҳо гардида, барои фардои дурахшони Ватани азизамон хизматҳои шоёне анҷом диҳанд.
- ҳанӯз моҳи феврали соли 1998 стипендияи Президенти Тоҷикистон барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбӣ ва моҳи марти соли 1998 Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илму техника корҳои намоён анҷом додаанд, таъсис дода шуд. Мақсад аз ин ташаббус баланд бардоштани шавқу завқи ҷавонон ба омӯхтани илму дониш, пеш аз ҳама, илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ, кашфиёту навоварӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии онҳо ва хавасманд гардонидани ҷавонони болаёқату соҳибмаърифат, ба ҳисоб меравад.
- соли 2017 аз ҷониби Пешвои миллат «Соли ҷавонон» эълон гардид, ки ин дастоварди дигари ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар ба ҳисоб меравад. Ин иқдоми навбатии Пешвои миллат барои хавасмандии ҷавонон ҷиҳати иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат, ҳамчун қишри созанда ва бунёдкор мусоидат кард.
- барои тайёр кардани кадрҳое, ки дар сатҳи байналмилалӣ рақобатпазиранд ва дар натиҷаи омӯзиши илму техникаи муосир дар хориҷа, минбаъд барои пешрафти Ватани азиз саҳми худро мегузоранд, стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон» таъсис дода шуд.
- бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи варзиш соли шашум аст, ки Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибони мусобиқаҳои байналмилалӣ супорида мешавад ва то имрӯз 184 нафар варзишгарон, ки номи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кардаанд, дар ҳаҷми умумии қариб чор миллион сомонӣ сарфароз гардонида шудаанд.
- яке аз иқдомоти навбатӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии мардуми Тоҷикистон ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, завқи китобхонӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, дарёфти чеҳраҳои нави сухандону суханвар, арҷ гузоштан ба арзишҳои милливу фарҳангӣ, рушди қобилияти эҷодӣ ва густариши эҳсоси худогоҳиву худшиносии аҳли ҷомеа озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Илм – фурӯғи маърифат» ташкил карда шуд. Озмунҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки Пешвои миллат ба ояндаи дурахшони насли босаводи миллат ғамхории беандоза зоҳир мекунанд.



**Ҳамин тавр, бо дарназардошти андешаҳои дар боло зикршуда, мо ҷавононро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона сохта, бахри ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ нақши муассири хешро гузошта бошем.**

# ҶАВОНОН – ОЯНДАСОЗОНИ ВАТАН

**Ҷавонӣ тез мегузарад. Ҳар як лаҳза ва ҳар як дақиқае, ки доред самаранок истифода баред. Беҳудагардӣ накунед. Вақте ки соҳиби илму маърифат шудед, соҳиби ҳама чиз мешавед.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ҷавонӣ ин давраест, ки инсон давраҳои беҳтарини умри худро сипарӣ менамояд.

Ин лаҳзаҳои ҳаёт хело ҳам тез ва бо як ҳаяҷон мегузарад. Мутаассифона, баъзе ҷавононе ҳастанд, ки қадри ин давраи беҳтарини ҳаётро намедонад. Онҳо фикр мекунанд, ки ҷавонӣ танҳо барои айшу ишрат ва хушҳолӣ кардан аст, ки ин хатост!

Беҳтарин лаҳзаи ҷавонӣ ин даврони донишҷӯӣ мебошад. Шахсе, ки ин давраро хуб ва манфиатнок истифода мебарад, ояндаи ободи худро месозад. Ин давра кӯтоҳ асту натиҷабахш! Аз ин рӯ, чунон ин давраро аз сар гузаронидан лозим аст, ки дар оянда афсӯси ин рӯзҳоро нахӯрем. Бинобар ин, ҳар як ҷавон бояд дар зиндагӣ дар пеши худ мақсадҳои муайян дошта, устуворона ба сӯйи онҳо ҳаракат кунад ва ин боиси муваффақияти ӯ дар оянда хоҳад шуд.

### "АЗ ЧИЗЕ КИ МЕҲАРОСӢ БА СӮЯШ ҲАРАКАТ НАМО"

Ин суханро шиори худ карда, бояд ба сӯйи оянда қадам гузошт. Ҳар як лаҳзае, ки мо дар ин айём беҳуда аз сар мегузаронем, дар оянда ҷавоби онҳоро хоҳем дод.

Пас, биёед ҳамаи инро дар амал татбиқ кунем. Дар ин давраи муосир ба мо ҷавонон тамоми шароитҳо фароҳам овардаанд. Биёед ин фурсатҳоро сарфакорона истифода барем. Чунки вақти гузаштаро баргардонда намешавад.

### ДУ НУКТА БАС АСТ

- дар ҷавонӣ неруву тавоноӣ ҳаст, лек ҳоҳиш нест, дар пирӣ бошад, ҳоҳиш ҳаст, вале зӯру тавон нест!
- агар ҷавонӣ медонисту пирӣ метавонист, олам гулистон мешуд!

# АҶАБ ШАҲРИ ДИЛОРОӢ, ДУШАНБЕ

**Ҳамасола шанбеи сеюми моҳи апрел сокинони шаҳри Душанбе Рӯзи пойтахтро дар кишварамон ботантана ҷашн мегиранд. Соли ҷорӣ санаи мазкур ба 16 апрел рост омад.**



Мавҷуда БОБОЕВА
дотсенти кафедраи
забонҳои хориҷӣ



Зулейха ШАРИПОВА
дотсенти кафедраи
забонҳои хориҷӣ

Душанбе шаҳрест, ки барои ҳар як сокини он аз хурд то бузургаш Ватан аст. Ватане, ки дар паҳнои бекинораш ба дунё омадаему бузург гаштаем. Ватане, ки мисли модари ғамхор дӯсташ медорем. Ватане, ки сар то сар гулгул шукуфону ободу зебову бофароғат аст.

Аз вожаи «Душанбе» нахустин бор дар китоби донишманди балхӣ Маҳмуд ибни Валӣ «Баҳр ул-аъроф фи маноқиб ал-хайр» (авв. садаи XVII м.) ва номаи хони Балх Субҳонқул Баҳодур ба шоҳи давлати рус Фёдор Алексеевич (декабри 1676) ёд шудааст. Таърихан он аз соли 1826 ҳамчун Душанбе-қурғон номида мешуд. «Қурғон» вожаи туркӣ буда, маънояш «қалъа» мебошад. Қалъаи Душанбе дар канораи чапи рӯди Варзоб ҷой дошта, ҳар рӯзи душанбе дар назди он бозор баргузор мегардидааст. Номи кунунии пойтахти Тоҷикистон ёдоварӣ ба ҳамин бозор аст. Азбаски ин ҷойро Душанбебозор мегуфтанд, деҳкадае, ки бо гузашти замон дар ҷои Душанбебозор пайдо шуд, Душанбе ном гирифт.

Оид ба мавзеи мазкур дар асари «Ҳудуд аль-Алам мин ал-Машриқ иля-л-Мағриб» (форсӣ: ملاعلا دودح من المشرق الى المغرب), қайд шудааст: «Сарзамине, ки ҳамакнун шаҳри Душанбе дар он ҷой дорад, дар садаҳои миёна «Шумон» ном доштааст. Шумон шаҳрест устувор ва бар ба бар кӯҳ ниҳода ва гирди ӯ борае кашида ва ӯро кӯҳандизест бар сари кӯҳ ниҳода ва андар миёни кӯҳандиз чашмаи обаст бузург. Аз вай заъфарон хезад бисёр».

Ҷуғрофшинос ва сайёҳи араб Шамс ад-Дина Абу Абдаллаҳ Муҳаммад ал-Муқаддасӣ дар асари таърихӣ-ҷуғрофии худ «Аҳсан at-тақосим фи марифат ал-акалим такрор зикр намудааст: «Шумон макони пурҷамъият ва ободу некӯст».

Муаррих ва шоири форсу-тоҷик Шарафуддин Алии Яздӣ (соли ваф. 1454, деҳаи Тафти Язд) дар «Зафарномаи Темурӣ» аз ин қалъа ба номи «Ҳисори Шодмон» (форсӣ: راصح شادمان) ёд карда, ғолибан онро ба сурати мухтасар «Ҳисор» (форсӣ: «راصح») ё «Ҳисорак» (форсӣ: «کراصح»)) навишта, имрӯз ҳам бо номи «Ҳисор» маъруф аст.

Ҷуғрофшиноси араб Абу Исҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммад ал-Истахрӣ (соли тав. то 908 - сол.ваф. баъд аз 951) дар «Китаб аль-масалик ва-ль-мамалик» ишора намудааст: «Шумон дар қисмати болооби рӯди Қубодиён ва шимоли Пули Сангин ва шаҳри Вошҷирд (Висагирд, ҳоло Файзобод) воқеъ буд, ба андозаи Тирмиз вусъат дошт ва ба масофати андаке дар ҷануби он қалъаи бузурги Шумон воқеъ буд».







Шоёни ёдоварист, ки вожаи «Ҳисор» арабӣ ва маънояш «диж» «қалъа» аст. Қалъае, ки ҳамакнун дар панҷ километрии шимолу ғарбии шаҳри Душанбе қарор дорад, бозмонда аз ҳамон шаҳри Шумон аст, ки дар садаҳои XV-XVII м. «Ҳисори Шодмон», яъне «Қалъаи Шодмон» номида мешавад. Бар асари касрати талаффуз «Шодмон» аз он афтоду «Ҳисор» монд ва исми хос Ҳисор гашт.

Дар оғози садаи XX ин қалъа тахтгоҳи беки Ҳисор Шоҳимардонқул буд ва дар заминларзаи таърихи 8 сентябри соли 1907 вайрон шуд ва аз он танҳо як дарвоза ва ду бурҷ дар миёни ду кӯҳ барҷой мондааст. Пас аз он заминларза Шоҳимардонқул ба қалъаи Душанбе кӯчид, ки дар он замон маркази яке аз амлокдориҳояш буд ва аз он пас Душанбе тахтгоҳи беки Ҳисор шуд.

Соли 1920 охирин амири Бухоро, ки аз болшевикон гурехта буд, дар Душанбе қароргоҳи худро таъсис дод, вале дере нагузашта аз тарафи қисмҳои ҳуҷумкунандаи Артиши Сурх аз он ҷой ҳам ронда шуд.

Дар охири соли 1921 шаҳр аз тарафи лашкарони туркӣ таҳти сарварии Анвар – Пошо ғасб гардид, аммо 14 июли соли 1922 аз нав ба дасти ҳокимияти болшевикон гузашт ва Душанбе ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон эълон карда шуд, дар соли 1929 он ба Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон табдил ёфт.

То соли 1929 шаҳр таҳти таъсири талаффузи забони русӣ расман Дюшамбе ном дошт. Дар давраи аз соли 1929 то соли 1961 бо шарофати Иосиф Виссарионович Сталин Сталинобод ном гирифта, соли 1961 дубора Душанбе номида шуд.

Ҳарчанд аз пойтахт гардидани Душанбе ҳанӯз асре нагузашта бошад ҳам, он мероси миллатеро ба дӯш мекашад, ки ҳазорсолаҳо таърих дорад. Душанбе дар ин умри кӯтоҳи пойтах-





тиаш, шоҳиди фарозу нишебҳо, бузургтарин таҳаввулоту дастовардҳои миллати тоҷик гардидааст.

Халқи тоҷик дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи худ шаҳрҳову марказҳои бузурги илму адаб бунёд кардааст, ки мавриди таваҷҷӯҳи оламиён буданд. Суннатҳои шаҳрдорӣ ва санъати меъмории онҳо, ки хусусиятҳои миллӣ ва умумибашарӣ доранд, то замони мо боқӣ мондааст.

Имрӯз, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақилу демократӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст, масъулияти шаҳрдорӣ низ ба тадриҷ меафзояд, зеро акнун Душанбе пойтахти давлати мустақилу комилҳуқуқ мебошад. Ҳамаи моро зарур аст, ки ба қадри сарвати пойтахт ва моликияти давлатӣ - об, фазо, барқ, боғу дарахтзор, гулбоғу чаманҳо, роҳ, нақлиёт, муҷассамаҳои бузургон, оромгоҳу зиёратгоҳҳо расида, дар ин шаҳри дилоро чароғи сидқу сафоро фурӯзон нигоҳ дорем.

Душанбе дар давоми 70-соли мавҷудияти Ҳукумати шуравӣ аз як деҳаи хурди назарногир ба як шаҳри азиму зебои саноатӣ табдил ёфт. Заводу фабрикаҳо, комбинату, иншоотҳои гуногун қомат афрохтанд.

Марказҳои бузурги илмию фарҳангӣ, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Академияи илмҳои Тоҷикистон, Театри опера ва балети ба номи устод С.Айнӣ, Театри академии драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, мактабҳои нави замонавӣ, литсей ва гимназияҳои муосир бунёд гардиданд. Донишгоҳу донишкадаҳои олӣ бунёд шуданд, ки ҳазорон мутахассисони баландихтисосро тайёр менамоянд. Душанбе дар натиҷа аз деҳаи хурдакак ба маркази бузурги илмию фарҳангии Тоҷикистон мубаддал гардид.

Душанберо барҳақ шаҳри ҷавонон меноманд, зеро ин шаҳр маҳз бо дасти ҷавонони бонангу номуси тоҷик обод гардида истодааст.

Дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ пойтахти азизи мо – Душанбе бештар зарар дида бошад ҳам, дар як муддати кӯтоҳ бо азму талош ва заҳматҳои фарзандони меҳанпарасташ барқарор гардид. Биноҳои баландошёнаи муосир қомат афрохтанд, ки симои шаҳрро боз ҳам зебову дилоротар мегардонанд.

Сад шукри Истиқлол, ки Тоҷикистонро дигар давлатҳо ҳамчун давлати соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёд, демократӣ шинохта, бо он робитаҳои дипломатӣ барқарор намуданд.

Душанбе ҳамчун пойтахти Тоҷикистон имрӯз бо 17 шаҳрҳои дунё- Лусака (Замбия), Сана (Яман), Монастир (Тунис), Лоҳур (Покистон), Клагенфурт (Австрия), Боулдер (ИМА), Ройтлинген (Олмон) ва ғайра бародаршаҳр ҳисобида шуда, барои шиносоии васеи мутақобила бо ҳаёти фарҳангӣ ва таърихии ҳамдигар муносибати зич доранд.

Душанбе ҳамчун пойтахти авввалин давлати соҳибистиқлоли тоҷикон, маркази тамаддунофар ва муттаҳидсозандаи тамоми тоҷикони форсизабони ҷаҳонро мемонад,ки боиси сарфарозии ҳар як сокини худогоҳ ва меҳанқарини он бояд бошад.

**Аҷаб шаҳри дилороӣ, Душанбе,**
**Хаёлам, зеби дунёӣ, Душанбе.**
**Шудам сарсабз дар оғӯши меҳрат,**
**Чу дил дар синаам ҷойӣ, Душанбе.**
**Боқӣ Раҳимзода**

# ҶАВОНОН – МУҲОФИЗОНИ ВАТАН



**Исроил САЛОМОВ**
муовини декан оид корҳои тарбия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Ҷавонон қишри пешбарандаи имрӯзу фардои Ватан мебошанд. Бинобар ин, ҳамасола дар кишвари мо 23 май ҳамчун Рӯзи ҷавонон таҷлил мегардад, ки ин эътимод ба насли ҷавон ва ояндаи дурахшони онҳост.

Раванди давлатдории миллӣ аз он гувоҳ аст, ки аз марҳилаҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар то имрӯз ба ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад, ки ин аз таваҷҷуҳи падаронаи Пешвои миллат гувоҳ аст.

Пешвои миллат принсипҳои бунёдии сиёсати давлатии ҷавононро бо набзи замон ва руҳи ҷавонон мувофиқ сохта, дар доираи сиёсати созанда ваҳдати миллиро миёни ҷавонон густариш бахшида, робитаҳои судбахшро бо кишварҳои мутамаддин дар самти ҳамкориҳои ҷавонон боло бурда, шаклҳои нави фаъолияти ҷавононро роҳандозӣ намуданд.

Новобаста ба вазъи душвори таърихии сахту сангин ва давраи гузариш, ки бо ташаккули низоми сифатан нави иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманд мебошад, Пешвои миллат нисбат ба масъалаҳои ҷавонон, аз ҷумла, беҳдошти вазъи таълиму тарбия, соҳиби ихтисос, касбу ҳунар гардидани онҳо ва мавқеи хосса пайдо намудани ҷавонон дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Дар марҳилаҳои минбаъдаи рушди давлатдорӣ ва таҳкими сиёсати давлатии ҷавонон Қонуни ҶТ “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”, Консепсияву стратегияи давлатӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон қабул гардида, амалигардонии як қатор барномаҳои соҳавии давлатӣ, мукофотҳои пайвасту мунтазами Пешвои ҷавонпарвари миллат бо номяндагони ҷавонони Ҷумҳурӣ, роҳандозии як зумра ҳавасмандиҳо, аз қабили стипендияҳои президентӣ, Ҷоизаи ба номи И. Сомонӣ барои олимони ҷавон, грантҳои ҳукуматӣ бо мақсади дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятии кор бо ҷавонон, таъсисёбӣ ва баргузории ҷаласаи нахустини Шурои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили ҳамасолаи Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, ҷавоникунонии сиёсати кадрӣ ва дар зинаҳои роҳбарикунанда таъин гардидани шумораи зиёди ҷавонони лаёқатманд ва билохира эълон гардидани соли 2017 “Соли ҷавонон” дастовардҳои беназиртарину нотакрор дар ҳаёти ҳар як ҷавони саодатманди кишвар мебошанд.




Тавре ки Пешвои муаззами кишвар зикр намудаанд, “мо бо ҷавонони созандаи худ ифтихор мекунем, чунки ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Ватанамон имрӯз бо нангу номуси миллӣ, ташаббусҳои шоиста ва эҳсоси баланди ватандорӣ дар рушди Тоҷикистони азиз ҳиссаи арзишманд мегузоранд ва ба Модар-Ватани худ содиқона хизмат мекунанд”.

Мо ифтихорманд ва сарбаланд аз онем, ки ҷавонони саодатманди мо сазовори боварии боэътимоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардидаанд.

Ҷавонони кишвар низ худро вокеан давомдиҳандагони ҳадафҳои олии роҳбарияти кишвар пиндошта, мактаби бузурги ватандӯстии Пешвои миллатро сабақи бузурги зиндагӣ интихоб намуда, масъулияти бузурги таърихӣ ва қарзи пурифтихори фарзандии худро сарбаландона иҷро менамоянд.

# КАК ПОДГОТОВИТЬ СТУДЕНТОВ К ОЛИМПИАДЕ



**Умед МУРОДЗОДА**
ассистент кафедры конституционного права

Олимпиада – это состязание учащихся учреждений среднего общего, высшего или профессионального образования, требующее от участников демонстрации знаний и навыков в области одной или нескольких изучаемых дисциплин.

Многие задаются вопросом: «... а для чего нужны олимпиады?» и на это следует ответить так: Олимпиады помогают стать лучше и это факт. К счастью, в настоящее время проходят очень много конкурсов, олимпиад и других образовательных мероприятий, предназначенных для учащихся. Их победители получают различные льготы (стипендии, денежные призы, сертификаты, дипломы, медали и т.д.). Помогают глубже понять учебный предмет или же тему посвящённой той или иной олимпиаде. К примеру студенту, готовящемуся к олимпиаде по праву, придется прочитать больше других. И не только нормативно-правовые акты, но и другие научные статьи и произведения. Заодно студент увидит и межпредметные связи — поймет, как связаны право, логика, психология и т.д. Развивают у учащегося навыки самостоятельной работы. Преподаватель не может готовиться вместо студента, он только вдохновляет его на победы. Студент не только научится искать информацию, анализировать ее, искать связи между научными фактами, но и станет собранней, научится укладываться в сроки.

Также олимпиады вписывают студентов в научное сообщество. На региональных и международных олимпиадах студент сможет съездить в другие государства, города, найти новых друзей. Кроме этого студент сможет ощутить себя частью научного сообщества — он решает «неразрешимые» задачи, пусть и на студенческом уровне.



Каким должен быть победитель и что от него требуется?

Прежде всего он должен быстро решать стоящие перед ними задачи.

Так как в большинстве олимпиад существует ограниченное время на решение определенных задач. Уметь выходить из плоскости. Олимпиадные задачи всегда нестандартны. Нужно найти новый способ решения или внимательно прочитать условия задачи и найти подвох. В любом случае, нужно думать не так, как на обычном уроке.

Справляться со стрессом. Олимпиада — это соревнование, поэтому уровень стресса будет высок. Если студенту сложно решать задачи в аудитории рядом с такими же сильными студентами, его нужно отдельно к этому готовить.

Как подготовить студентов к олимпиаде?

Преподавателю прежде всего следует вести отбор, вовлекать в конкурсы и олимпиады — собрать сильную команду. Если не показывать студентам олимпиадные и другие необычные задачи, они никогда не поймут, в чем сущность олимпиад. Не обязательно начинать с олимпиад, к ним можно прийти через проекты, конкурсы сочинений и т.д. Чем необычнее задание, тем больше шансов, что они заинтересуются.

Решать похожие задачи. Разработчики и организаторы олимпиад призывают именно так готовиться к соревнованиям. Так можно понять логику задач, отточить новые способы их решения.

Учить творческому мышлению. Можно начинать со сборников задач на смекалку, предлагать необычные формы работы. Например, на уроках семейного права – разделиться на две команды в качестве истца и ответчика и разобрать какой-нибудь дело.

Изучать материалы для самоподготовки, в том числе, видео-уроки.

Как говорил великий ученый Альберт Эйнштейн: «Чтобы выигрывать, прежде всего нужно играть». Действительно, много студентов изменили свою жизнь в лучшую сторону. Ведь победа в олимпиадах дает победителю прежде всего уверенность и опыт, которые помогут ему достичь успехов в жизни.

# АЗ ҶАРАЁНИ КОМИССИЯИ

Дар асоси фармоиши ректори ДМТ аз санаи 23-юми апрели соли 2022 имтиҳонҳои давлатии хатмкунандагони соли хониши 2021-2022 доир ба ихтисосҳо, дифои корҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ оғоз гардидааст.

Айни замон, дар факултети ҳуқуқшиносӣ 5 комиссияи аттестатсионии хатм: 4 комиссия дар шуъбаи рӯзона ва ғоибона ва 1 комиссия дар шуъбаи магистратура фаъолият карда истодаанд.

Дар шуъбаи рӯзона комиссияи якумро Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзод раисӣ менамояд. Роҳбарии комиссияи дуюмро Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашуриён Музаффар Қурбонмуҳаммад ба зимма доранд. Комиссияи сеюмро











# АТТЕСТАТСИОНИИ ХАТМ

муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон пеш мебаранд. Комиссияи чаҳорум зери роҳбарии мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Имомова Нилуфар Маҳмаисуфовна фаъолият дорад.

Дар шуъбаи магистратура комиссияи панҷумро директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Ҷумъа Муҳмадалиевич роҳбарӣ менамояд.

То имрӯз раисон ва аъзои комиссияҳои аттестатсионии хатм сатҳи дониш ва саводнокии хатмкунандагони факултетро қаноатбахш арзёбӣ намудаанд.















# АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ СЛЕДОВАТЕЛЯ И ОРГАНА ДОЗНАНИЯ



Абдучаббор РАЧАБОВ
ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора

Анализ следственной и судебной практики приостановления и возобновления предварительного следствия свидетельствует, что эффективность деятельности органов предварительного следствия по установлению и устранению обстоятельств, вызвавших временное прекращение производства следственных действий по уголовному делу, всецело зависит от взаимодействия органов предварительного следствия и органов дознания. «Целенаправленное, правильно организованное, осуществленное в соответствии с требованиями законодательства взаимодействие играет одну из ведущих ролей в повышении качества расследования, сокращения его сроков».

На наш взгляд, взаимодействие следователя и органа дознания призвано решать следующие задачи:

Совместная деятельность по розыску преступников, пресечению преступлений и принятию мер по их предотвращению.

Расследование и раскрытие преступлений.

Привлечение к установленной законом ответственности лиц, их совершивших, и возмещение причиненного ими материального ущерба.

«Общность задач, единая правовая основа деятельности указанных органов определяют максимально тесное сотрудничество органов предварительного следствия и дознания в области раскрытия и расследования преступлений. Успех в достижении задач по раскрытию преступления и установлению лица, его совершившего, во многом зависит от того, насколько эффективны совместные действия указанных органов по каждому уголовному делу.

Проблемы повышения эффективности взаимодействия следователей и органов дознания существенны для криминалистики, теории оперативно-розыскной деятельности, прокурорского надзора и других отраслей научного знания.

Безусловно, вопросы взаимодействия следственных органов и органов дознания являются предметом исследования уголовно-процессуальной науки. Автор считает, что основу данной деятельности составляют нормы уголовно-процессуального закона, определяющие, что прокурор, следователь, дознаватель обязаны в пределах своей компетенции возбудить уголовное дело в каждом случае обнаружения преступления, принять все предусмотренные законом меры к установлению события преступления, лица, его совершившего, и при наличии достаточных доказательств передать материалы дела на разрешение суда (ч.1. ст. 26 УПК РТ).

Чтобы обеспечить выявление и раскрытие каждого совершенного преступления необходимо постоянно улучшать деятельность этих органов, использовать те ресурсы, которые заложены для точного и эффективного выполнения ими своих функций. Отметим, что методы и средства, которые используют органы дознания и предварительного следствия для достижения поставленных перед ними задач по-быстрому и полному раскрытию преступления, изобличению лиц, виновных в их совершении, обеспечению правильного применения закона с тем, чтобы каждый совершивший преступление был подвергнут справедливому наказанию и ни один невиновный не был привлечен к уголовной ответственности, могут быть различными. Однако единство задач служит фундаментом их взаимодействия. Поэтому совершенствование работы следователей и органов дознания тесно связано с дальнейшим развитием и углублением их согласованной деятельности, непосредственно направленной на быстрое раскрытие и успешное расследование преступлений.



В результате проведенного исследования актуальных проблем взаимодействия следователя и органов дознания в связи с приостановлением и возобновлением предварительного следствия получены следующие выводы:

Под взаимодействием следователя и органа дознания следует понимать урегулированную законами и иными нормативными актами деятельность органов следствия и дознания, согласованную по целям, задачам, выражающуюся в наиболее целесообразном сочетании свойственных данным органам средств и методов, при организующей и руководящей роли следователя, направленную на предупреждение, выявление, раскрытие и расследование преступлений.

Особенности взаимодействия следователя и органа дознания по приостановленным и возобновленным делам в стадии предварительного расследования определяются с одной стороны, основаниями приостановления и возобновления, а с другой - тем, что взаимодействие в подобных случаях осуществляется, когда следственные действия по делу не совершаются.

Взаимодействие следователя и органа дознания в связи с приостановлением и возобновлением предварительного следствия представляет собой сочетание процессуальной и организационной форм.

Таким образом, только в тех случаях, когда следователь принимает активные меры как непосредственно, так и через органы дознания к установлению лица, подлежащего привлечению в качестве обвиняемого, раскрытию и расследованию преступления, он добивается успеха.

**Идеальное преступление - это преступление, которое не обнаруживается, не соотносится с идентифицируемым преступником или иным образом неразрешимы или неразрешимы как некое техническое движение со стороны преступника. Термин употребляется разговорно в праве и художественной литературе (особенно криминальной фантастике). Каждый преступник, идущий на преступление, планирует остаться безнаказанным и продумывает каждую деталь до мелочи. Однако одна единственная мелочь портит все планы. Много лет писатели размышляли на эту тему и преступники тоже. Некоторым все-таки удалось воплотить данную идею.**

# СУЩЕСТВУЕТ ЛИ ИДЕАЛЬНОЕ ПРЕСТУПЛЕНИЕ?



Бузургмехр ХОМИДЗОДА
студент 3-го курса

Рассмотрим дело Говарда Грина в Лондоне. Грин был обычным портным, но уважаемым обществом. Мужчина втайне ненавидел свою жену и вёл дневник, где записывал возможные сценарии её убийства. Он вел дневник, который в последствии полиция нашла в его доме. В дневнике он очень подробно описывал 14 способов убийства своей жены, к которой он тайно испытывал глубокую ненависть. Некоторые из них были абсурдны, другие до ужаса отвратительны, но пара способов вызывала определенный интерес своей изощренностью. Сам Говард сразу осознал, что главную угрозу для него таят не факты из прошлого, а проблемы, способные появиться уже после совершения преступления. Каждое алиби содержит элемент лжи, который, если постараться, может быть раскрыт. Грин пришел к выводу, что единственное идеальное убийство - это не то, которое остается не раскрытым, а то, которое раскрывается, но с неверным преступником. И тогда Грин понял, что идеальное преступление то, которое в конце концов будет раскрыто, но не с ним в роли обвиняемого. В итоге не Грин убил свою жену, а жена убила его. Женщина обнаружила этот дневник и потом в гневе несколько раз ударила мужа ножницами в грудь. Комиссия присяжных, рассматривающая это дело, была шокирована описаниями убийств в дневнике Грина. Приговор суда гласил, что жена Говарда невиновна и всего лишь защищала свою жизнь.

Так почему же это идеальное преступление?

Спустя много лет обнаружилось, что почерк, которым были написаны сценарии убийства, вовсе не был почерком Говарда Грина. Этот злополучный дневник на самом деле написал любовник жены Грина.

В некоторых случаях понятие совершенного преступления ограничивается только необнаруженными преступлениями; если событие когда-либо идентифицируется как преступление, некоторые следователи говорят, что его нельзя назвать « Идеальные «.Идеальные преступление следует отличать от преступления, которое безмерно еще не было решено, или когда случайность или процедурные вопросы обрекают осуждение. Как используют одни криминалисты и другие, изучающие уголовные расследования (в том числе и мистерные писатели), совершенное преступление остается нераскрытым не из-за некомпетентности в расследовании, а из-за чистоты и умения преступника. Другими словами, определяющим фактором является основное причинно-следственное воздействие способности преступника избегать расследования и опровержения, а не столько способности следственного органа выполнять свои обязанности.

Предполагаемые идеальные преступления являются популярной темой в криминальной фантастике. К ним относятся «Идеальное преступление»(пьеса), «Веревка», «Двойная контрибуция», «Стренгеры в поезде», «Почтальон всегда звонит дважды», «Остроумие для обвинения» и «Циферблат М за убийство».

## ТАҲАММУЛПАЗИРӢ



Дилрабои АБДУҶАББОР
донишҷӯи соли 2

**Таҳаммулпазирӣ — сарчашмаи сулҳ**
**Таҳаммулнопазирӣ — сарчашмаи бесарусомонӣ**

Яке аз категорияҳои ахлоқӣ дар ҷомеа таҳаммулпазирӣ ё тоқатпазирӣ ба ҳисоб меравад. Истилоҳи тоқатпазирӣ дар забони русӣ «толерантность» ва дар забони англисӣ «tolerantia» ифода ёфта, ба ибораҳои «ризоият», «таҳаммул», «эҳтиром» наздик мебошад. Дар зери ин мафҳум қобилияти инсон, ҷомеа ва давлат дар шунидан ва эҳтироми фикри дигарон, кӯшиши иваз намудани мафҳуми душман ба калимаи мухолиф ва эътирофи нуқтаи назари он фаҳмида мешавад.

Мафҳуми таҳаммулпазирӣ дар Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ, ки Конфронси кулли ЮНЕСКО соли 1995 қабул гардидааст, ба таври зайл инъикоси худро ёфтааст: «Таҳаммулпазирӣ – ин падидае мебошад, ки барои расидан ба сулҳ ва ризоият имконият медиҳад ва аз фарҳанги ҷанг ба сӯйи фарҳанги сулҳ мебарад».

Бояд қайд намуд, ки таҳаммулпазирӣ бо эҳтироми ҳуқуқи инсон ҳаммаъно аст, вале он маънои тоқат кардани беадолатии иҷтимоӣ, даст кашидан аз эътиқоди худ ё қабули эътиқоди каси дигарро надорад.

Аз нуқтаи назари дигар, таҳаммулпазирӣ ин кӯшиши ба ҳамдигарфаҳмӣ ноил шудан, мувофиқ кунонидани муносибат бе зӯроварӣ ва паст задани шаъну шараф бо истифода аз имкониятҳои башардустона ба монанди муколама, шарҳдиҳӣ ва ҳамкорӣ мебошад.

Андешае низ ҳаст, ки таҳаммулпазирӣ ин эҳтиром дар робита бо намояндагони дигар анъанаҳо ва арзишҳои фарҳангист. Чунин таҳаммулпазирӣ ҳамчунин, бояд вакте зоҳир шавад, ки агар ин арзишҳо ба таври назаррас аз маданияти худи мо фарқ кунанд. Яъне таҳаммулпазирӣ ин қобилияти муколама намудан бо намояндагони фарҳангҳои гуногун мебошад.

Барои манфиат ва оромии тамоми давлатҳо шахсони алоҳида, ҷомеа ва миллатҳо бояд гуногунии маданияти ҷамъияти инсониро эътироф ва эҳтиром намоянд.

Зеро сулҳ бе тоқатпазирӣ вуҷуд дошта наметавонад, тараққӣ ва демократия бошад, бе сулҳ.

Ҳамин тавр, таҳаммул кардан ва тоқатпазир будан боиси суботу оромӣ, осоиштагии мадум гардида, ояндаи дурахшони ободу осударо барои наслҳои минбаъда муҳайё менамояд.

## 77-УМИН СОЛГАРДИ ҒАЛАБА БАР ЗУЛМОТ

### (ҶАНГ – ЗУЛМОТ, ТИРАГӢ, НОРӮШАНӢ, НЕСТӢ)

Дар растаи меваю сабзавот бодирингҳои тару тозаро дида, беихтиёр аз ҳамсоямон Аҳмад-бобо Эсанов ёд кардам. Нахустин бодирингҳои тару тозаро ҳар баҳор аз полези Аҳмад-бобо мо бачаҳои деҳа мечидем. Мӯйсафед домони моро пур мекард аз бодиринг ва нақҳати ин сабзавоти тар хонаро фаро мегирифт.

Лангон-лангон Аҳмад-бобо ба ҳароба халтаҳои бодирингро бор карда, роҳи бозорро пеш мегирифт. Ба нархи арзон маҳсули деҳқонии худро яклухт фурӯхта, аз пайи обмонӣ дар боғаш мешуд. Дар ҷавониаш аз сари ҳамин замин ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ рафт ва боз пас аз Ғалаба ба боғи худ баргашт, то ба зиндагӣ ранақ бахшад.

Барои Аҳмади Эхсон аз замин ризқу рӯзии фарзандонро дарёфтан ба шуғли асосӣ табдил ёфта буд.

Собиқадори ҷангу меҳнат Аҳмадҷон Эсанови 27-соларо тирамоҳи соли 1941 аз сари замин ба майдони ҷанг даъват намуданд. Маълумоти ибтидоии нопурра дошт Аҳмадҷони деҳқон. Як сол пеш бародараш Абдуллоҷонро ба фронт гусел кардаанд, ки бедарак шуд.

Аз 15 сентябри соли 1941 дар фронти марказӣ буд, сипас ба фронти ғарбӣ ва соли 1943 ба фронти Ленинград равона шуд. Ҳамчунин дар фронтҳои Прибалтика, Белоруссия, Украина чун сарбози қаторӣ раҳпаймоӣ намуд.

Бо медали "За отвагу" се маротиба сарфароз гардонида шудааст. Яке аз нодиртарин медалҳои сарбози қаторӣ ин медали "За взятие Берлина" аст.

Давоми солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шаш маротиба ба дарёфти Сипосномаи Сталин шарафёб гардидааст.

Ҳар кадоме аз ин сипосномаҳо ба ордену медалҳои ҷангӣ баробаранд.




Обод намудани боғу майдон минбаъд маънои зиндагии Аҳмади Эхсон қарор гирифт. Дар китфаш яроқи оташфишонро ба каланди бобоӣ иваз намуд. Даштҳои ташналаби болои сойи Кӯшкак ниёз ба дасти боғбон дошт. Ва Аҳмадҷон бо як шавку шӯр ба замин каланд зад. Ниҳол шинонд. Ҷӯяҳо кашида об овард. Дона пошид, донаи ризку рӯзӣ. То ҳосил бастани дарахтон аз полез бодирингу помидор пиёзу каламфур мошу лӯбиё кадую тарбуз мегирифт. Дашти ташналаб аспи ҷавмастро мемонду Аҳмадҷон онро ром мекард. Шабҳо мижа таҳ накарда об мемонд. Ҳамсараш Анора бо духтарчааш Мукаррама барояш таом меоварданд. Сари замин рӯймолро аз миёнаш кушода чу дастурхон паҳн мекард.

Ба ин рӯзҳои осоишта шукргузорӣ мекард, Аҳмадҷон, ҳар боре захмҳои тирхӯрдаи пояш ва китфаш ба дард омада, зангӯлаи хотираҳои ҷангиашро ба садо медаровард.

Аз он даҳшати ҷанг қиссаҳои зиёдро дар хотир дорад, аммо варақгардон кардан намехоҳад. Оташи ғазаб, хоку хун, нолаю фарёд, ғурриши танк, садои тиру тӯп, таркиши бомбаҳо, сӯхтори хонаю ҷангалҳо, майитҳои бесоҳиб, гуруснагии мардум, фиғону ғирев хоси ҷанги хонумонсӯз буд. Ба чашми худ ин ҳамаро Аҳмадҷон Эсанов дидааст ва азм кард, ки дигар ҳаргиз ба чунин рӯзҳо гирифтор нашавад ва аз ин оташи дӯзах лаб накушояд. Танҳо дар хоб медид акнун он ҳангомаю даҳшати ҷангро чун хоби бад.



Комрон ОРИФӢ,
донишҷӯи соли 2

Ба фарзандон бештар аз пешаи деҳқонӣ ҳарф мезаду онҳоро ба хокпошӣ ва донишандӯзӣ ҳидоят менамуд.

Худ ки дар майдони ҷанг азоби беилм буданро чашида буд, ақалан як мактуб навишта наметавонист, қадри одами босаводро медонист.

Дувоздаҳ фарзандро ба воя расонида, соҳибмаълумот кардан кори саҳл нест. Аммо Аҳмадҷону Анора аз уҳдаи ҳамин рисолати волидайнӣ баромаданд. Сиҳату саломат фарзандон ба камол расида соҳиби хонаву дар оилаю фарзанд шуданд. Акнун он дашти ташналаб ба боғи Аҳмад Эсан табдил ёфт. Бештар аз 80 сол аст, ки ин боғу майдон ба чандин наслҳо ризқу рӯзӣ медиҳад.

Аз одами бад доғ, аз инсони нек боғ мемонад гуфтани мардум дуруст будааст.

## ЛАГЕРҲОИ ФАШИСТӢ

**Инсоният дар тӯли таърих ба ҳодисахое рӯ ба рӯ шудааст, ки бар забон овардан ва тасаввур кардани онҳо ғайриимкон аст. Ҳамаи ин даҳшатҳо ва бадбахтиҳо бо гуноҳи худи инсонҳо сурат гирифтааст.**

Яке аз мудҳиштарин ҳодисаҳое, ки инсониятро дар коми худ фуру бурдааст, ин Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Дар ин солҳои дарди таърихӣ аз ҷониби фашистони олмонӣ лагерҳои марговар таъсис дода шуданд, ки ҳамчун марказҳои харобкорӣ, қатлу куштор, ки барои татбиқи геносид пешбинӣ шудаанд, ба шумор мерафтанд.

Аз соли 1941 то соли 1945 фашистон дар ҳудудҳои давлати Лаҳистон 6 лагери марговар – Челмно, Белзетс, Собибор, Треблинка, Освентсим-Биркенау (қисми комплекси Освентсим) ва Майданек таъсис доданд. Лагерҳои Челомно ва Освентсим дар минтақаҳое сохта шудаанд, ки соли 1939 ин минтақаҳо ба давлати Олмони фашистӣ ҳамроҳ шуд. Лагерҳои боқимонда (Белзетс, Собибор, Треблинка ва Майданек) дар хоки ҳукумати Полша ҷойгир буданд.

Освентсим ва Майданек на танҳо лагерҳои марговар буданд, балки ҳамчун лагерҳои консентратсионӣ ва лагерҳои меҳнати маҷбурӣ амал мекарданд. Аксарияти куллии қурбониёни лагерҳои марг яҳудиён, сиганҳо ва асирони ҳарбии собиқ



Мадина ҚУЛМАМАТОВА
донишҷӯи соли 2



давлати шуравӣ низ буданд.

Маълумот дар бораи лагерҳои марг ба таври қатъӣ махфӣ нигоҳ дошта мешуд. Барои нест кардани тамоми осори истифодаи газҳои заҳрнок, гурӯҳҳои махсуси маҳбусон (Sonderkommandos) бояд ҷасадҳоро аз камераҳои газӣ бароварда, месузонанд.

Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки истифодаи восита ва методҳои даҳшатовари аз ҳаёт маҳрум сохтан аз ҷониби инсоният бар муқобили инсоният истифода шудааст. Аммо чунин кирдорҳои зидди инсонӣ абадӣ набуда, ҳамеша некӣ бар бадӣ, равшанӣ бар торикӣ, хайр бо шар ғолиб омада, инсоният роҳи осоиштаро пеша менамояд. Лекин сабақи таърих дар хотираи таърих боқӣ мемонад.

# ТАЪМИНИ БАРОБАРҲУҚУҚИИ ЗАНОН



Суруш ШАРИФЗОДА
донишҷӯи соли 2

Зан – модари тоҷик имрӯз мавқею манзалати худро дар ҷомеа баръало пайдо намуда, дар рушду ташаккули кишвари азизамон нақши созгоре доранд. Лозим ба ёдоварист, ки солҳои охир теъдоди занони мутахассису соҳибтаҷриба дар зинаҳои мухталифи ҳокимият – мақоми олии қонунгузор, ҳокимияти судиву иҷроия ва тамоми сохтору мақомоти давлативу ҷамъиятӣ афзоиш ёфта, онҳо дар рушду пешрафти самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа саҳми воқеии худро гузошта истодаанд.

Имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишвар бо дарназардошти бахши хусусӣ беш аз як миллион занону духтарон фаъолият доранд, ки ин нишондиҳанда 45 фоизи шумораи аҳолии машғули корро ташкил медиҳад.

**Умуман, агар дар соҳаи тандурустии кишвар беш аз 50 ҳазор нафар машғули кор бошанд, аз ин ҳисоб 44 ҳазор нафарашон занон мебошанд. Дар соҳаи маориф бошад, 52 ҳазор нафари омӯзгорон аз ҳисоби занон фаъолият мекунанд. Боиси хушнудист, ки имрӯз дар ҷодаи илм беш аз 1000 нафар занони донишманд ва бомаърифати тоҷик пурмаҳсул заҳмат мекашанд.**

Дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобари дигар масъалаҳои мубрам аз дастгириву таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Тоҷикистон нисбат ба занону ҷавондухтарон ёдоварӣ намуда, таъкид доштаанд, ки «...бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати то 30 фоиз расонидани хизматчиёни давлатӣ ва то 25 фоиз расонидани кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони лаёқатманд дар муҳлати се моҳ «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023–2030» таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад».

Воқеан, тӯли 30 соли Истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа саҳми беандоза дошт. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар хусуси баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар ҷомеа, таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон ва оид ба масъалаҳои тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд ҳамасола як силсила фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати мамлакат, консепсияҳо, нақшаву барномаҳои давлатӣ таҳия мегарданд, ки ин аз иқдомҳои пайгиронаи Сарвари давлат башорат медиҳанд.

Ташаббусҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат ба баланд бардоштани мақому манзалати зан дар ҷомеаи демократӣ, омода сохтани барномаҳои муштараки ҳифзи сиҳатии модару кӯдак, танзими оила, инкишофи ҳамаҷонибаи соҳаи маориф, беҳгардонии шароити оилаҳои камбизоат, инкишоф додани сатҳу сифати саводнокии бонувон, бартараф намудани бекорӣ дар байни бонувон, ташкили захираҳои кадрӣ аз ҳисоби ҷавондухтарон, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти бонувон боис гардидаанд, ки мақом ва манзалати зан дар ҷомеа мавқеи муайяни худро дошта бошад.

Илова бар ин, барои ба танзим даровардан, ҳаллу фасл ва ҳамоҳангсозии масъалаҳо оид ба фаъолияти занон ва оила аз соли 1991 инҷониб дар мамлакат Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми минтақавии он дар шаҳру ноҳияҳо амал менамояд. Онҳо дар якҷоягӣ бо дигар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар байни занон роҳандозӣ намуда, дар ташкилоту идораҳо, муассисаҳои соҳаи маориф ва дигар сохторҳои кумита шуроҳои кор бо занон ва ҷавондухтаронро фаъол намуда истодаанд.

Халқи кишвар ва Сарвари давлат ба заковати азалӣ ва неруи созандаи зан модари тоҷик такя менамоянд. Зеро бонувон дар иҷрои рисолати аслии худ, таҳкиму устувор гардондани хонадон, тарбияи шоистаи фарзандони боодобу соҳибмаърифат, бонангу номус, ватандӯсту худшинос саҳми босазо мегузоранд.

# NO ONE AND NOTHING IS FORGOTTEN



**77 years had passed since the war ended. However, its memory will never die.**

On the 5 May, we, the students of the law faculty, supporting by the teacher's stuff of the Department of foreign languages, in particular the head of the chair docent Nazarova Z.A., docent Afzali M.K., docent Sharipova Z. A. prepared a presentation to the Victory Day. The students Rahmonov Nurmuhammad, Nazarzoda Daler, Nusratullozoda Nazrullo prepared information on those difficult years. The student Okilova Sneshelana read a poem written by Andrey Dementiev «Ballad on mother». Her reading touched upon deep points of our soil. The students Rahmonova Shahnoza and Mirzoeva Shukrona read the poem written by Constantin Simonov (Wait for me and I return). The group of girls (Madaminova Adiba, Rahmonava Shahnoza, Mirzoeva Shukrona, Davlatzoda Nargis, Okilova Sneshelana) sang song. There has been also carried out a quiz, related to the Great Patriotic War.

Victory day is the holiday of the victory of the whole soviet people over fashists. A lot of years have been passed since the war had been finished. Our generation cannot imagine those war years. We are lucky to have been born in peace time. We do not now the war horrors. So we must express our great thanks to those who by means of their own lives protect our motherland during long bloody years, so that we live in peace. We know about the war from our grandparents, books, films and songs. During the war all people helped each other's in difficult situations. This day fills our hearts be sense of happiness, joy and proud. Let's remember those who lost live saving motherland and those who worked for front.

To memories this great event there is a tradition to carry out a military parade, to lay weathers to the tomb of the Unknown Soldier. In 2012, it was the first time when people took part in the Immortal Regiment march. The Second World War was the deadliest conflict in human history. The Soviet Union lost 27 million people fatalities.

By the beginning of the operation, the Soviet troops numbered 149 rifle and 12 cavalry divisions, 13 tank and 7 mechanized corps, 15 separate tank and self-propelled brigades totaling more than 1 900 000 people.

The last days of the war. An ultimatum was delivered to the German command: if consent to unconditional surrender was not given before 10 o'clock, a devastating blow would be inflicted by the Soviet troops. Having received no response, the Soviet troops at 10:40 opened a hurricane fire on the remnants of the defense in the center of Berlin. Why was it possible? It was possible because people fought for their native country, for every town, for every house, for every piece of their native land. They fought for their future, for our future. The war with German was ended on September 2, 1945.



Daler NAZARZODA
student first year

At the end of our article we want to finish with the words of famous Soviet poet Rasul Gamzatov.

**There is the pride of the whole**
**people in these lines.**
**It seems to me sometimes**
**that soldiers filled,**
**Whom bloody battlefields**
**have rendered dead,**
**Were buried not in soil to be forgotten,**
**But turned into white cranes**
**in flight instead.**

**LET IT NEVER**
**BE THE WAR.**



# ПОЛКОВНИК МУСТАФОЕВ

## (ҲИКОЯ)



**Зариф ҒУЛОМ**
**дастпарвари факултет**

- Хушхабар! - ба садои хушҳолонаи Файзалӣ аъзои даста ба сӯяш гардан тофтанд. - Дӯстамон полковникро ба шаҳри Кӯлоб таъҷилан даъват намуд. Дар ихтиёрамон ду соат вақт ҳаст. Дар ин муддат мо бояд коргоҳро тарк намоем. Амалиёт аз рӯйи нақшаи кашидаамон. Маҳсулотро ба халтаи селофанӣ андохта, бо латтаи равғанолуд печонед. Маҳмуд вазифаат маълум?

- Ҳа, маълум, - Маҳмуд ба сари Ҷаъфар як литр хуни тайёркардаашро рехта, бо латтаи сурх баст.

- Офарин! - сардор дарҳол ба таҳсин лаб кушод ва бари «маҷруҳ» рост шуд. - Каме тоқат бикун. Баъд кайфу сафо мекунем, - ва рӯй ба тарафи узви дигари даста гардонд.

- Гурез ҳаял накун. Медонам. Хеле сустрафтор ва танбал мебошед. Зуд картерро кушою маҳсулотро он ҷо пинҳон бикун. Баъди бист дақиқа мошинро аз истгоҳ бароруу ҷониби дарвоза бирон...

- Аз посбон чӣ тавр халос мешавем? - Сафол пеши сухани Файзалиро бурид.

- Ба гап даровардани Акрам вазифаи ман, - сардор ба сӯи дарвоза гом бардошт. - Ҳамин ки бо даст ишора кардам зуд ба сӯи дарвоза шитобед. То омадани полковник мо бояд аз постгоҳи Шаршара гузарем...

- Ъэ, ъэ, Ҷаъфарро чӣ бало зад? - Акрам даст сӯи тиреза дароз кард.

- Порасанги бузург аз девор канда шуда болои сараш афтид, - Файзалӣ маҳзунона овоз баровард. - Ӯро таъҷилан ба беморхонаи Қарияи Боло бурданамон лозим.

- Э, бечорае, - дилсӯзӣ намуд посбон ва барои дидани бемор аз ҳуҷра берун баромаданӣ шуд. - Чаро ба беморхонаи шаҳри Кӯлоб намебаред?

- Чи, ба гапи ман бовар намекунед, - Файзалӣ пеши роҳи посбонро баст. - Ҷароҳону табибони беҳтарин дар касалхонаҳои пойтахтанд.

- Акаи Файзалӣ ба шумо бовар накунам ба кӣ бовар кунам? Маҳз бо тавсияи шумо маро ба корхонаи тилобарории Шуғнов ба кор қабул карданд, - Акрам ба ҷояш нишаст. - Некии шуморо ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам.

- Ин тавр бошад, - Файзалӣ донист, ки посбон ба даст афтид, - дарвозаро кушоед, то ки беморро зуд ба шаҳр барем.

- Маҳсулот чӣ мешавад? - посбон даст ба сӯи тугмаи сиёҳ бурд.

- Кадом маҳсулот? - Файзалӣ худро ҳайратзада нишон дод. - Баъди ин ҳодисаи нохуш мо бо Ҷаъфар овора будем, то ки ӯро ба хуш орем. Ҳамаи кӯшишҳоямон бе фоида. Барои ҳамин шитоб дорем, то ки ҷавонмардро наҷот диҳем. Ана, мошин ҳам баромад. Моро маҳтал накунонед. Боз барои марги Ҷаъфар зомин нашавед.

- Набошад зудтар ба роҳ бароед, - гуфта Акрам тугмаи кушодани дарвозаро зер кард...

- Бригада кор карда истодааст? - Мустафоев аз мошин фаромада ба Акрами дар пешаш рост истода савол дод.

- Не, - посух дод посбон ва ба шарҳи ҳол гузашт. - Порасанг болои сари Ҷаъфар афтидааст. Файзалӣ ӯро бо мошинаш ба беморхонаи Қарияи Боло бурд.

- Шумо беморро аз назар гузарондед? - полковник ба рӯйи ҷавон нобоварона нигарист. - Сараш кафида буд? Изи ҷароҳат вуҷуд дошт?



Хун рехтагӣ буд? Дигар узви бригада куҷост?

- Не, надидам, - Акрам акнун ба хатогии роҳдодааш сарфаҳм рафт. - Ба гапи Файзалӣ бовар кардам. Ӯ зарфшӯёнро бо худ гирифта бурд.

- Чӣ қадар вақт гузашт? - Мустафоев чизеро пай бурда бошад, ки ба сӯи телефон давид. - Рақами кайди давлатии мошинро зуд ба ман бигӯед, - ва гӯшаки телефонро чанг зада бардошт.

Акрам ба қоғази зардшудаи ба девор часпонида дида дӯхт ва бо ангушт рақами мошинро ба кофтан даромад.

- Нимсоат гузашт, рақами қайди мошин 56 - 24 КЮИ, - хадаха посух гардонд посбон ва илова кард. - «Жигули»-и сафеди рақами 06.

- Постгоҳи Шаршара! - овози марғуладори полковник хуҷраи посбонро пур кард. - Ман Мустафоев! Аз кони тилои Шуғнов занг мезанам! Мошини сафеди рақами қайди давлатиаш 56 - 24 КЮИ-ро то расида омадани ман нигоҳ доред!..

Офтоби моҳи саратон нурҳои гарми тоқатфарсои худро болои постгоҳи Шаршара бераҳмона мепошид. Файзалию аъзои дастааш зери арақ монда, ба мошинро аз назар гузаронидани Мустафоев бе тавофут менигаристанд.

- Рафиқ полковник! Кофтукови шумо зиёда аз се соат боз давом дорад, - Файзалӣ дид, ки ин дафъа Мустафоев бордони мошинро кушод. - Ягон ҷойи ободии мошин намонд. Беҳуда аз мо гумонбар мешавед. Бригадаи ман дар ин корхона бист сол боз бе нуқсон кор карда истодааст. Ҳоло ба мо бовар накунед?

- Бовар мекунам, - Мустафоев бо остини куртааш донаҳои арақи дар пешонаи васеъ пайдошударо пок намуд. - Ҳамон бовариамро месанҷам.

- Дар таги офтоби тафсон сӯхтем, - Файзалӣ хост, ки ба дили полковник раҳм оварад. - Аҳволи бемор торафт вазнин шуда истодааст. Агар ҳодисае шавад гуноҳаш бар гардани шумост.

- Мӯҳтарам, сардори бригада, сари маро бо сафсатахониат гаранг накунед, - полковник сарпӯши муҳаррикро бардошт ва ба гирду атрофи он чашм давонд. - Хушу ёди ман барои ошкор кардани нақшаи кашидаат банд мебошад. Далели шайъӣ кофта истодаам. Шумо, гурги борондида, онро хеле моҳирона ва устокорона дар дохили мошин пинҳон кардаед.

- Гуфтам - ку, - ин дафъа овози Файзалӣ баландтару бочуръаттар садо дод, - мо ҳеҷ гуна тило-пило надуздидаем. Либосҳоямонро кашида, тамоми баданамонро аз назар гузарондед. Қатрае аз зар пайдо нашуд. Боз чӣ?

- Ҳоло ин кам аст, - Мустафоев сар аз болои муҳаррик бардошт, - ҳамаатонро аз нури рентгенӣ мегузаронам. Беҳтараш гапа бисёр накунеду чарххои мошинро кушоед.

- Инаш барои чӣ? - Файзалӣ бодили нохоҳам қомат бардошт.

- Балонҳоро аз назар мегузаронам, - полковник калиди гайкакушоиро ба сӯйи сардори бригада партофт.

Чор нафар аз ҷой бархостанд ва лаҳзае пас таги обу арақ монда чор балонро кушоданд. Файзалӣ тантана дошт. Ин кӯшиши афсар низ бе натиҷа анҷомид. Милисаҳои дар ағба қарордошта низ бо тааҷҷуб ба ҳамкасби худ менигаристанд, ки ин дафъа ӯ ба кадом иқдом даст мезада бошад.

Мустафоев бо сари хам гирди мошин чарх мезад ва ба худ савол медод: наход тахмини ман хато бошад? Боз куҷои мошинро кобам? Гиреҳи муаммо дар куҷо бошад? Махфигоҳ дар куҷо ҷойгир аст? Курсиҳоро ба берун бароварда, болопӯшашонро дарондам? Ҷилпӯши дохили мошинро кушодам. Оби радиаторро рехтам. Аккумуляторро низ аз назар гузаронидам.

Полковник атрофи мошин беист давр мезад. Нигоҳҳои ҳайратзадаи милисаҳо ва тамасхӯромези гумонбаронро пайхас намекард. Аз қисми пеши мошин гузашта, нохост аз қадамзанӣ боз истод. Картер! Охирин кӯшиш! Картерро бояд кушоям!

- Дилатон аз санг будааст, - ба гила гузашт Файзалӣ. - Бо гумони бад моро дар офтоби тафсон сӯзонда истодаед. Ҳатто ба бемор дилатон насӯхт. Агар ҳодисае шавад ҷавоб медиҳед. Гуфтам ва боз мегӯям, ки мо гуноҳ надорем. Тилоро кӣ дуздаду аз мо ҷинояткор метарошед. Шаш соат, ки аз дасти шумо дар азобем. Ба СеКа ва прокурор шикоят мебарам.

Суханони таҳдидомези сардори бригада ба гӯши полковник намедаромад. Ӯ бо шаст тоб хӯрда, ба сӯи Файзалӣ дасташро чун шоф рост кард.

- Мошинро ба тартиб дароред!

Гурӯҳ гумон кард, ки ҷустуҷӯ поён ёфт. Дар як зум мошинро ба шакли пештара оварданд. Ҳама шоду мамнун. Ҳатто маҷруҳ низ ба ҳаракат даромада, нимхез шуд. Файзалӣ ба



сари фармон гузашт ва дигаронро барои нишастан даъват намуд.

- Мошинро ба хандақи таъмирӣ баред, - амр кард Мустафоев ва илова кард, - картерро мекушоем...

Аз дохили равған латтапораро бо ним кило зар баровардан замон Файзалӣ ихтиёран ҳар ду дасташро барои ишкел задан ба сӯи Мустафоев дароз кард...

- Пурсабрӣ, савқи табиӣ ва таҷрибаи касбиатон сабаб гардид, ки ҷинояткорон ба мақсади нопоки худ нарасиданд, - директори корхона миннатдорона дасти пуркуввати полковникро бо меҳр фишурд.

- Вазифаамро иҷро мекунам, - софдилона ҷавоб гардонд Мустафоев.

# МАНЪИ ИСТИФОДАИ ДОПИНГ

**Истилоҳи допинг (аз заб. англисӣ-нашъа додан) ибтидои асри XX дар ИМА пайдо шудааст. Бори аввал, варзишгар-чобуксавор Франк Старр 8 июни соли 1913 бо истифодаи допинг ба даст афтидааст. Ӯ ба мақсади тезонидани суръати дави асп ба он доруи эликсирро гузаронид ва барои ин амалаш Ф. Старрро якумрӣ аз иштирок дар пойгаҳои чобуксаворӣ маҳрум сохтанд.**

Аслан допинг ба маводи мухаддир ва ба маводи табиии баромадаш синтетикӣ алоқамандӣ надорад. Ин мавод ба муддати кӯтоҳ фаъолияти системаи асабу мушакҳоро тезонида, ба мушакҳо қувват мебахшад. Аз ин рӯ, номгӯйи доруҳои мамнуъ барои варзишгарон ҳангоми мусобиқаҳо муайян карда шудааст.

**Аввалин санади байналмилалӣ дар самти мубориза бо допинг Конвенсияи зидди допинг (Страсбург, 1989) мебошад. Дар байни муқаррароти асосии ин санад, маҳакҳои зеринро қайд кардан мумкин аст:**

1) «Допинг дар варзиш» маънои аз ҷониби варзишгарон паҳн намудан ё истифодаи намудҳои гуногуни доруҳои фармакологӣ-допингиро дорад.

2) Вобаста ба ҳар як ҳолати мушаххас, интиқол, нигоҳ доштан, воридот, тақсимот ва фурӯши допинг маҳдуд карда шавад.

3) Тарафҳои Конвенсия ба ташкилотҳои варзишӣ дар назорат ва санҷишҳои зиддидопингӣ кумак мерасонанд;

4) Тарафҳои Конвенсия ҳуқуқ доранд, бо ташаббуси худ ва таҳти масъулияти худ қоидаҳои зиддидопингиро қабул кунанд ва назорати зиддидопингро ташкил кунанд.

Ҳамин тариқ, ин санад принсипҳои умумии танзими ҳуқуқиро дар масъалаҳои мубориза бо допинг дар сатҳи байналмилалӣ муқаррар мекунад.

**Санади дигаре, ки принсипҳои умумии ҷавобгариро барои вайрон намудани қоидаҳои допингӣ муайян мекунад, Конвенсияи байналмилалии зиддидопинг дар варзиш мебошад, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ 19 октябри соли 2005 қабул шудааст.**

Ҷунин муқаррароти асосии Конвенсияро қайд намудан зарур аст: а) Дар доираи стратегия ва барномаи амали ЮНЕСКО дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мусоидат намудан ба пешгирӣ ва мубориза бо допинг дар варзиш бо мақсади аз байн бурдани он; б) Мафҳуми «вайронкунии қоидаҳои зиддидопингӣ» дода мешавад, ки ба онҳо аз ҷумла, мавҷудияти моддаи манъшуда ё метаболитҳои он ё маркерҳо дар намунаи аз бадани варзишгар гирифташуда; истифода ё кӯшиши истифодаи маводи манъшуда; доштани моддаҳо ё усулҳои манъшуда; паҳн намудани ҳама гуна моддаҳои манъшуда; истифода ё кӯшиши ворид намудани моддаҳои маънгардида ба варзишгар, ё ба таври дигар кумак намудан ва ғайра қайд мегардад.

**Инчунин санади муҳимми байналмилалӣ дар ин самт Кодекси ҷаҳонии зидди допингӣ (соли 2003 қабул шудааст) мебошад, ки замимаи Конвенсияи байналмилалии зидди допинг дар варзиш мебошад.**

Ҳуҷҷати мазкур илова бар мафҳумҳои умумие, ки мундариҷаи Конвенсияро такрор мекунанд, асосҳои ҷавобгарии байналмилалиро барои вайрон кардани қоидаҳои зиддидопинг пешбинӣ мекунад.

Мавриди зикр аст, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи хусусияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ташвиқ, тақсим ва истифодаи моддаҳое, ки истифодаашон дар варзиш манъшуда фаъолона мавриди муҳокима қарор дорад. Ҳамин тавр, К.Бёрнс қайд мекунад, ки солҳои охир сиёсати зиддидопинг тағйир меёбад; тамоюли пурзӯр кардани ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба допинг мушоҳида мешавад. Гузашта аз ин, чунин ҳолат ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ рух дода истодааст.

Ба андешаи П.Дэвид ғайр аз ҷавобгарии интизомӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ, мумкин аст дар сатҳи қонунгузории миллӣ барои афроде, ки дар соҳаи истифодабарии допинг қонуншиканӣ содир кардаанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шавад. Дар бобари ин муаллиф қайд менамояд, ки принсипҳои умумиэътирофшудаи адолати судии ҷиноятӣ аллакай ба низоми ҷораҳои ҷавобгарии интизомӣ дар сатҳи байналмилалӣ ворид карда шудаанд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки натиҷаҳои санҷиш ва тафтишот дар сатҳи байналмилалӣ ба мурофиаҳои судии ҷиноятии миллӣ интиқол дода шаванд.

Ба андешаи Ҷ.О'Лири дар замони муосир дар бисёр давлатҳо барои вайрон намудани қонунгузории зиддидопингӣ танҳо ҷавобгарии маъмурӣ вуҷуд дорад. Ин мушкилиҳои муайянеро ба вуҷуд меорад, зеро давлат ҳамчун кафили ҳифзи муносибатҳои мавҷудаи



**Даврон КАРИМОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

ҷамъиятӣ ба ин гуна масъалаҳо вобаста ба татбиқи ҷавобгарӣ аслан иштирок намекунад. Ин функсия ба сохторҳои байналмилалӣ ва федератсияҳои варзишии дохили давлат, ки чун қоида, ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошанд дода шудааст. Дар робита ба ин, ҷорӣ намудани ҷавобгарии оммавӣ-ҷамъиятӣ, аз ҷумла, ҷавобгарии ҷиноятӣ ба давлатҳо имкон хоҳад дод, ки мушкилоти мубориза бо допингро қисман назорат кунанд.

WADA дар изҳороти расмии худ мавқеъеро баён кардааст, ки допинг набояд сабаби таъқиби ҷиноятӣ варзишгарон бошад. Бо вуҷуди ин, созмон ба ҳуқуқи давлатҳои алоҳида барои қабули қонунҳое, ки барои фаъолияти онҳо зарур мебошанд дахолат намекунад. Бинобар ин, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар сатҳи миллӣ муқаррар карда мешавад. Қарор дар бораи муқаррар кардани чунин намуди ҷавобгариро қонунгузори давлатҳои алоҳида қабул мекунад. Ҳамзамон, ҷавобгарии ҷиноятӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо допинг дар бахше маҳдуд карда мешавад, ки дар он номгӯи амалҳое, ки вайронкунии қоидаҳои зиддидопинг муқаррар карда мешавад.



Бо мақсади пешгирии паҳншавӣ ва истифодаи доруҳои допингӣ, Қоидаҳои зиддидопингӣ, бо назардошти қоидаҳои зиддидопингии дар ташкилотҳои байналмилалии зиддидопингӣ дар асоси муқаррароти Конвенсияи байналмилалии зидди допинг дар варзиш, ки Конфронси Конвенсияи байналмилалии ЮНЕСКО оид ба мубориза бо допинг дар варзиш аз 19 октябри соли 2005 таҳия намуданд, ба тасвиб расидааст. Ба ғайр аз ин, дар мамлакат мубориза бар зидди истифодаи допингро қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш”, “Дар бораи тайёрии варзишӣ” ба танзим медароранд.

Рӯйхати маводҳои допингӣ аз ҷониби Агентии ҷаҳонии зиддидопингӣ (WADA) мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ дар ҳолати зарурӣ, вале на камтар аз як маротиба дар як сол нашр ва таҷдиди назар карда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани рӯйхати доруҳои манъшудаи Агентии ҷаҳонии зидди допинг ба маводи сахттаъсир ва заҳролуд чандон аҳамият дода нашудааст. Бо мақсади татбиқи муқаррароти Конвенсияи байналмилалӣ оид ба пешгирии допинг, қонунгузорӣ дар бораи муомилоти маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо бояд ба назар гирифта мешаванд ва ба ин руйхат моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок ба рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ё заҳрдор дохил карда шудаанд, илова карда шаванд, зеро дар рӯйхати доруҳои манъшудаи Агентии ҷаҳонии допинг қисмати афзалиятноки чунин моддаҳо мавҷуданд.

Дар Тоҷикистон омори расмӣ дар бораи фавт ва саломатии бемор вобаста ба истифодаи иловаҳои фаъоли биологӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, маълум аст, ки дар ИМА 29 нафар аз истифодаи иловаҳои фаъоли биологӣ ҷон бохтанд ва ба саломатии 429 истеъмолкунанда аз иловаҳои фаъоли биологӣ зарари ҷиддӣ расонида шудааст.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти паҳншавии иловаҳои фаъоли биологии қалбакӣ, аз ҷумла онҳое, ки дар таркибашон маводҳои мухаддир, психотропӣ ва моддаҳои сахттаъсир зиёд мебошанд, ҷой дорад.

Криминализатсияи муомилоти ғайриқонунии иловаҳои фаъоли биологӣ ва допинг бо мақсадҳои ба соҳибияти каси дигар додан мубрам мебошад.

**Ҳамин тавр, ҳолатҳои дар боло қайдгардидаро ба инобат гирифта, ба КҶ ҶТ илова намудани таркиби нави ҷиноят дар таҳрири зерин зарур мебошад. “Моддаи 206[2]. Муомилоти ғайриқонунии иловаҳои фаъоли биологӣ ва моддаҳое, ки барои истифода дар варзиш ҳамчун допинг манъ гардидаанд”.**

Ба ғайр аз ин, пешниҳод менамоем, ки ба қ. 3 м. 289 КҶ ҶТ тағйирот ворид карда шуда, ба мундариҷаи қ. 3 бо калимаҳои «иловаҳои фаъоли биологӣ ва моддаҳое, ки барои истифода дар варзиш ҳамчун допинг манъ гардидаанд» илова карда шавад.

# ХАТАРИ ИФРОТГАРОӢ



Амирҷон ИНОМОВ
донишҷӯи соли 2

Бузургтарин хатархое, ки ба ҷомеаи муосири давлатҳои ҷаҳон ва кишвари мо таҳдид менамоянд ин таассубу хурофот ва терроризму экстремизм аст. Дар шароити вусъати ҷаҳонишавӣ амалҳои ифротгароёна ва таассубу хурофот дар ҳар шакл ба миллату давлат ва дину эътиқоди мардум хатари зиёд ба бор меорад.

Яке аз чунин хатарҳо ба ҷомеаи мо ин ифротгароии динӣ аст. Итилоҳи дар истеъмоли умум ба маънои аз ҳадду андоза гузаштан ва зиёдаравӣ кардан мебошад. Шахси ифротӣ кист? Касест, ки дар тарзи фаҳмиш ва ё тарзи амал дар ягон масъала аз меъёри қабулшуда ва аз ҳадди эътидол мегузарад.

Ифротгароӣ динӣ яке аз маъмултарин шаклҳои ифротгароӣ ё экстремизм буда ҳолатест, ки инсон дар фаҳмиши меъёри динӣ ва дар амал кардан ба таълимоти динӣ сахтгирии беш аз ҳад намуда, дар ин кор, аз ҳадду андозаи муқарраршуда мегузарад.

Шахси ифротгарои динӣ маъмулан аз таълимоти асилу муътадили динӣ дур монда, динро ба тарзи бисёр рӯякӣ маҳдуд ва танг фаҳмида, ба ҳамин фаҳмиши худ амал карда, аз дигарон низ чунин тарзи амалро интизор ва тақозо мекунад. Омӯзиши масъала нишон медиҳад, ки ифротгароии динӣ фақат ба сахтгирӣ дар меъёри динӣ ба анҷом намерасад, балки он ба рӯҳия ва ахлоқи шахсии инсон ва муносибати ӯ бо муҳит ва робитаҳои ҷамъиятии шахс низ таъсири бисёр ҷиддӣ мерасонад.

Шахси ифротгаро андак - андак дорои ҳолат ва аломатҳое мегардад, ки ин аломатҳо байни ӯ ва дигарон фарқи ҷиддӣ ба вуҷуд меоранд. Агар чеҳраи ифротгароёни диниро ба таври мухтасар тасвир намоем, чунин шахсонанд аз ҷумла:

1) аксаран саводи комили динӣ, тахсилоти дурусти исломӣ ва таҷрибаю маърифати дурусти динӣ надоранд.




2) онҳо баъзе иттилооти умумии таърихӣ ва баъзе маводи таблиғотии идеологияю сиёсӣдиниро, ки аксаран аз интернет ё халқаҳои динии ғайрикасбӣ ба даст овардаанд.

Умуман, ба назари мо, ин зуҳурот ба Ватану миллат, фарҳанг, манфиатҳои миллии мо хатарҳои мушаххас дорад. Бинобар ин, мо ҷавонони насли нав дар қадом шакл набошад, ифротгароиро қабул надорем, чунки он ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро поймол мекунад.

# ЭКСТРЕМИЗМ – ТАҲДИД БА АМНИЯТИ КИШВАР



Манижаи АМРУЛЛО
донишҷӯи соли 2




Инсон чун вуҷуди биологӣ ҳаққи зиндагӣ ва майл ба озодӣ дошта, мекӯшад, ки хушбахтона ҳаёт ба сар барад. Амалисозӣ ва ё баръакс вайрон кардани ҳуқуқи инсон ба инкишофи рӯҳӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии ҷомеа ва умуман, ба ҳар як фарди алоҳида таъсир мерасонад.

Падидаи радшаванда ва зароровар, ки метавонад ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зарар расонад, ин экстремизм мебошад. Экстремизм аз вожаи лотинии “exsremus„ гирифта шуда, маънояш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравонӣ, аз ҳад гузаштанро дорад. Экстремизм (ифротгароӣ) ба сурати умум, чун ҷонибдори ақидаҳо ва амалҳои қатъие тавсиф мешавад, ки меъёрҳо ва қоидаҳои дар ҷомеа мавҷударо билкулл рад мекунад.

Кирдорҳои экстремистӣ ба ғасби ҳокимият, халалдор сохтани соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ нигаронда шудааст. Дар асоси моддаи 6 Конститутсияи ҶТ дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ аст. Аз ин рӯ, ғасби ҳокимият ва тасаруфи салоҳиятҳои он манъ мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқии мубориза бар зидди экстремизм Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм», Кодекси ҷиноятӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда ба ҳисоб меравад.

# ҶИНОЯТКОРИИ НОБОЛИҒОН

Ҳама кӯдакон рӯзе калон мешаванд, аммо ин давраи наврасӣ аст, ки аксар вақт дар ҳаёти ҳама, ҳам кӯдак ва ҳам волидонаш душвортарин аст. Маҳз дар ин синну сол ҷустуҷӯ ва тафтиши фаъоли он чи иҷозат аст ва чи не вуҷуд дорад. Аммо дар сурати муқаррар шудани сарҳад ҳам бо ин ё он сабаб ноболиғон ба кирдорҳои ғайриқонунӣ даст мезананд. Дар аксар вақт, сабаби содир шудани кирдорҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби ноболиғон ин тарбияи нодуруст ва мушкилиҳои иҷтимоӣ дар оила мебошад.

Ҷинояткории ноболиғон яке аз даҳшатноктарин воқеияти имрӯз аст. Тамоюли болоравии он махсусан дар робита ба зуҳури баъзе хусусиятҳои ин зуҳурот, бештар ба шароитҳои объективии марҳилаи ҳозираи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи мо хос аст. Аввалан, ҳамасола мушкилоти рафтори ғайриҷамъиятии кӯдакони то 14- сола, ки ба синни ҳадди ақал, ки аз он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан имконпазир аст, нарасидаанд, шадидтар мегардад. Аз тарафи дигар, торафт бештари ҷавононе, ки ба фаъолияти ғайриқонунӣ нигаронида шудаанд, ба синни балоғат медароянд, ки ин хатари якбора боло рафтани ҷинояткорӣ дар ҳаёти ҷамъиятиро ба вуҷуд меорад. Дар ин давра, ноболиғон ва ҷавонон бештар ба намудҳои гуногуни ҷиноят, ба мисли дуздӣ, ғоратгарӣ, қаллобӣ, авбошӣ, ҷиноятҳои марбут ба гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир даст мезананд.

Бинобар ин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки дар ин самт чораҳои даҳлдор андешанд. Чунки пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон, яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Маҳз дар асоси ҳамин чораҳо, ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон ва ноболиғон камтар мегардад.

Шифо РАСУЛОВА
донишҷӯи соли 2





# ҒУРУРИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН ДАР ҶАҲОНИ ПУРТАЗЗОД



Исфандиёр ХАСАНОВ
донишҷӯи соли 4

**Хизматҳои родмардони ватанро дида, меҳри ин сарзамин дар мағз-мағзи устухонҳои мо ҷавонон ҷо гирифтааст.**

*Ғурур (кал.ар. болидан) – яке аз сифатҳои ахлоқӣ, ки ҷанбаҳои нописанду писандида дорад. Ҷанбаи писандидаи ғурур ифтихор ва болидан аз мероси пурғановати фарҳанги ниёгони худ ва пирӯзию муваффақиятҳои афроди миллат дар соҳаҳои мухталифи иҷтимоӣ: илму фарҳанг, ҳунар, варзиш ва ғайра мебошад.*

Ғурур эҳсоси худбаҳодиҳии мусбӣ, ҳисси табиии шарофати шахсӣ, қаноатмандӣ ва эҳтироми худ мебошад. Инчунин, ғурур донистани қадру қиммати худ, ҳисси далериву бебокӣ ва дарки он аст, ки инсон ашрофи махлуқот махсуб меёбад.

Ғурури миллӣ ё ифтихори миллӣ боис мешавад, ки мардум ҳувияти худро тақвият бахшанд ва аз асли хеш ифтихор намоянд. Масалан, як варзишгар дар арсаи ҷаҳон парчами миллиро баланд мебардорад, ифтихор ва ғурури миллии ҳар як фарди ватандӯст боло мегирад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти ҷавонон, роҳандозии тадбирҳои амалӣ вобаста ба тақвияти фаъолияти онҳо дар ҷомеа, таъмин кардани иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ дар ниҳоди ҳар як намояндаи насли имрӯза давра ба давра иқдомоти мушаххасро амалӣ менамояд.

Бедор намудани ғурури миллӣ дар тинати ҷавонон, боиси пешгирии шомилшавии онҳо ба гурӯҳҳои ифротию экстремистӣ мегардад. Зеро ҳар ҷавоне, ки аз миллати хеш, аз фарҳангу ниёгони хеш ифтихор намояд ва сарзамину модари хешро дӯст дорад, ҳама вақт дар канори онҳо будан мехоҳад ва ба ҳеҷ ваҷҳ теша ба решаи миллати хеш нахоҳад зад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи ҷавонон дар соли 2021 чунин қайд карданд: «Мо ҷавононро неруи созандаву бунёдкор ва пешбарандаи ҷомеаи навини кишварамон ва ояндаи халқамон эълон кардем ва дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат то имрӯз ба онҳо такя мекунем».

Дар навбати худ, мо ҷавонон муаззафем, ки якдилу яктан шуда, аз як гиребон сар барорем ва ба ин боварии давлату ҳукуматамон сазовор бошем. Ҳамчун як ҷавони замони Истиқлол бар он андешаам, ки ояндаи дурахшони мо ҷавонон, пешравии кишварамон, сарбаландии миллатамон, некуаҳволии халқамон, баракати хонамон, хандаи фарзандонамон ва ноил шудан ба дастовардҳои бузург ин аз сарҷамъии мо дар атрофи сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллатамон ва амалӣ намудани ҳадафу нақшаҳои давлату ҳукумат вобаста аст.




Сабақҳои таърих ҳушдор медиҳанд, ки мо ҷавонони кишвар ва наслҳои оянда дар назди давлат ва сарнавишти халқи тоҷик масъулияти бузург дорем. Пешвои миллат борҳо таъкид намудаанд, ки хонаи мо, яъне Ватан ва давлати моро каси дигар обод намекунад. Мо кишвари азизамонро худамон пешрафта мегардонем ва ба наслҳои оянда як мулки ободро ба мерос мегузорем.

Мо бояд ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму экстремизм, радикализми динӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, хариду фурӯши одамон, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва дигар омилҳои хатарзо, ки ба сулҳу суботи ҷаҳон, аз ҷумла кишвари мо таҳдид менамоянд, мубориза барем.